«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
_________ Насриддинзода Э.С.
«_26_» ____02____ соли 2024

# ХУЛОСАИ
## Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Диссертатсия дар мавзуи «Ташаккули муҳити институтсионалӣ-инноватсионии рушди сармояи инсонӣ» аз ҷониби Садиқова Шукрона Карчаевна дар назди кафедраи иқтисоди миллӣ ва бехатарии иқтисодии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро гардидааст.

Дар рафти иҷрои рисолаи илмӣ Садиқова Шукрона Карчаевна унвонҷӯйи кафедраи иқтисоди миллӣ ва бехатарии иқтисодии факултети иқтисод ва идораи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба шумор мерафт.

Садиқова Шукрона Карчаевна, 24 январи соли 1985 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар оилаи коргар таваллуд шудааст, оиладор, соҳиби чор фарзанд мебошад.

Соли 2002 ба шуъбаи рӯзонаи факултети иқтисод ва идораи Донишгоҳи давлатии миллии Тоҷикистон дохил шуда, соли 2007 онро аз рӯйи ихтисоси иқтисоди миллӣ бо дипломи аъло хатм намудааст.

Айни ҳол ассистенти кафедраи иқтисоди миллӣ ва бехатарии иқтисодии факултети иқтисод ва идораи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон мебошад.

Мавзуи рисолаи илмии Садиқова Шукрона Карчаевна тибқи қарори Шурои олимони факултети иқтисод ва идораи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 22 январи соли 2013, қарори №6 таҳти унвони «Ташаккули муҳити институтсионалӣ-инноватсионии рушди сармояи инсонӣ» зери роҳбарии доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, академики Академияи байналхалқии мактабҳои олӣ Комилов Сироҷиддин Ҷалалиддинович тасдиқ гардидааст.

Дар парвандаи аттестатсионӣ рӯйхати корҳои илмӣ мавҷуданд, ки онҳо ба мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ дахл дошта, 21 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 7 мақола дар маҷаллаҳои (нашрияҳои) илмии тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд.

Имтиҳонҳои номзадиро аз фанни таърих ва фалсафаи илм дар таърихи 18.04.2018 бо баҳои 4 «хуб», аз фанни забони хориҷӣ (англисӣ) дар таърихи 07.05.2018 бо баҳои 5 «аъло» дар Донишгоҳи миллии

Тоҷикистон ва имтиҳон аз тахассусро дар таърихи 22.02.2024 бо баҳои 5 «аъло» дар Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон супоридааст.

Аз рӯйи натиҷаҳои ташхиси диссертатсия дар мавзуи «Ташаккули муҳити институтсионалӣ-инноватсионии рушди сармояи инсонӣ» чунин хулосаҳо бароварда шуд:

1. **Мубрам будани мавзуи диссертатсия**

Дар шароити рушди иқтисодиёти муосир ва шиддат гирифтани фаъолияти инноватсионӣ дар бахшҳои гуногуни фаъолияти хоҷагидорӣ, талабот ба рушд ва инкишофи сармояи инсонӣ пурзур мегардад. Таҷрибаи давлатҳои пешрафтаи ҷаҳон нишон медиҳанд, ки сармояи инсонӣ ба гурӯҳи муҳимтарин сармояҳои иқтисодӣ дохил шуда, натанҳо ба сифати омили раванди истеҳсолот, балки муҳимтарин воситаи истифодабарии оқилонаи дигар захира ва сармояҳои иқтисодӣ баромад мекунад. Бо таваҷҷӯҳ ба ин ва дигар муҳиммиятҳои алоқаманд бо рушди сармояи инсонӣ Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пайваста роҷеъ ба ташкили шароити рушди сармояи инсонӣ иқдомҳои хусусияти илмию амалидоштаро пешбинӣ ва роҳандозӣ мекунад. Яке аз қарорҳои стратегӣ дар робита ба рушди сармояи инсонӣ, ин ҳадафи муҳими рушд қарор додани сармояи инсонӣ дар «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» буда метавонад.

Дар баробари ин, ташкил ва таъмини шароити мусоиди ташаккул ва рушди сармояи инсонӣ масъалаи муҳим ба ҳисоб меравад, ки бешубҳа таъмини он ба ташкили фазои мусоиди институтсионалӣ-инноватсионӣ алоқаманд аст. Сармояи инсонӣ аз ҷумлаи сармояҳое ба ҳисоб меравад, ки вобастагии байнисохторӣ дорад, аниқтараш рушди он танҳо аз соҳаи маориф ва илм вобаста нест. Дар сурати рушди ботавозуни соҳаи тандурустӣ, маориф, фарҳанг ва бахши соҳибкорӣ мо метавонем тасмим гирем, ки муҳити институтсионалӣ-инноватсионии рушди сармояи инсонӣ таъмин карда мешавад. Ҳангоми таъмини ин гуна шароит сармояи инсонӣ метавонад раванди такрористеҳсолии ҷамъиятиро ба маротиб зиёд намояд. Ин ва дигар масъалаҳои муҳими алоқаманд ба ташаккул ва рушди сармояи инсонӣ муҳиммияти мавзӯи таҳқиқро асоснок мекунад.

2. **Мутобиқати ихтисос ва номи мавзуъ ба шиносномаи ихтисос ва муҳтавои диссертатсия**

Диссертатсияи Садиқова Шукрона Карчаевна дар мавзуи «Ташаккули муҳити институтсионалӣ-инноватсионии рушди сармояи инсонӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.02 – Идоракунии инноватсияҳо ва рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ мувофиқат мекунад.

Натиҷаҳои аз ҷониби муаллиф дар таҳқиқот бадастовардашуда ба бандҳои шиносномаи ихтисоси зикршуда мутобиқат мекунад. Натиҷаҳои диссертатсия дорои аҳаммияти баланди илмию амалӣ буда, ба рушди илмҳои иқтисодӣ саҳм хоҳанд гузошт.

### 3. Алоқамандии мавзуи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илм, техника ва технология дар ҷумҳурӣ

Мавзуи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илмҳои иқтисодӣ дар ҷумҳурӣ робита дошта, аз ҷумла аз таҳия ва аниқ гардонидани заминаҳои илмӣ-методии таҳқиқ, истифодаи равиш ва усулҳои гуногуни илмӣ оид ба таъмини ташаккули муҳити институтсионалӣ-инноватсионии рушди сармояи инсонӣ иборат аст. Ҳамчунин мавзуи мазкур ба масъалаҳои гузариши соҳаҳои мухталифи иқтисоди миллӣ ба таъмини муҳити институтсионалӣ-инноватсионии рушди сармояи инсонӣ алоқаманд мебошад. Рисолаи илмӣ бо Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025, Барномаи давлатии рушди таҳсилоти томактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025, Барномаи таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2030 ва дигар барномаҳои рушди соҳавию байнисоҳавӣ, санадҳои ҳуқуқию меъёрии дар Ҷумҳурии Тоҷикистон амалкунанда робитаи мустақим дорад.

### 4. Мутобиқати теъдод ва мазмуни интишороти натиҷаҳои илмӣ ба муҳтавои диссертатсия ва автореферати он

Муқаррароти асосӣ ва хулосаҳои диссертатсия дар 21 кори илмӣ, аз он ҷумла 7 мақола дар маҷаллаҳои (нашрияҳои) илмии тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд, ки ба талаботи банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267) ҷавобгӯ мебошад.

Номгӯи муҳимтарин корҳое, ки моҳияти илмии диссертатсияро инъикос менамоянд:

## ИНТИШОРОТИ МУАЛЛИФ ДОИР БА МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ

**А) Интишорот дар маҷаллаҳои (нашрияҳои) тақризшаванда, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия шудааст:**

**[1-М].** Садикова, Ш.К. Человеческий капитал как фактор социально-экономического развития региона [Текст] / Ш.К. Садикова // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – Душанбе, 2017. – №2/2. – С.195-198. ISSN: 2413-5151.

**[2-М].** Садиқова, Ш.К. Асосҳои назариявии инкишофи сармояи инсонӣ дар минтақа [Матн] / Ш.К. Садиқова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – Душанбе, 2017. – № 2/7. – С.62-67. ISSN: 2413-5151.

**[3-М].** Садиқова, Ш.К. Таҳаввулоти назарияи сармояи инсонӣ ва авомили муассир ба инкишофи он [Матн] / Ш.К. Садиқова, Ф.А. Маҷидова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – Душанбе, 2018. – №3. – С.47-52. ISSN: 2413-5151.

**[4-М].** Садиқова, Ш.К. Сармояи инсонӣ ва такрористеҳсолии он: таҳаввул ва самти рушд [Матн] / Ш.К. Садиқова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – Душанбе, 2019. – №10-2. – С.113-118. ISSN: 2413-5151.

**[5-М].** Садиқова, Ш.К. Мушкилоти сармояи инсонӣ ва такрористеҳсоли он дар тафаккури иқтисоди муосир [Матн] / Ш.К. Садиқова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – Душанбе, 2020. – №3. – С.45-49. ISSN: 2413-5151.

**[6-М].** Садиқова, Ш. К. Инкишофи сармояи инсонӣ дар шароити иқтисодиёти инноватсионӣ [Матн] / Ш.К. Садиқова, Д.А. Ҳодиев // Иқтисодиёти Тоҷикистон. – Душанбе, 2023. – № 4. – С.32-38. ISSN: 2310-3957.

**[7-М].** Садиқова, Ш.К. Таъсири муҳити институтсионалӣ-инноватсионӣ ба инкишофи сармояи инсонӣ [Матн] / С.Ҷ. Комилов, Ш.К. Садиқова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – Душанбе, 2024. – № 1. – С.33-39. ISSN: 2413-5151.

**Б) Интишорот дар дигар маҷаллаҳои илмӣ:**

**[8-М].** Садикова, Ш.К. Транформация теории человеческого капитала [Текст] / Ш.К Садикова // Материалы республиканской научно-практической конференции на тему "Развитие экономики Таджикистана как фактор повышения благосостояния населения" (г. Душанбе, 9 декабря 2015 г). – Душанбе: «Ирфон», 2016. – С.243-247.

**[9-М].** Садиқова, Ш.К. Таҳаввулоти инкишофи назарияи сармояи инсонӣ [Матн] / Ш.К. Садиқова // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявии ҳайати устодон ва кормандони ДМТ бахшида ба ҷашни «25-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: «СИНО». – 2016. – С.261-262.

**[10-М].** Садиқова, Ш.К. Нақши сармояи инсонӣ дар баланд бардории самаранокии фаъолияти ширкат [Матн] / Ш.К. Садиқова // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзуи "Муаммоҳои рушди босуботи иқтисодӣ-иҷтимоӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ: ҷанбаҳои миллӣ ва минтақавӣ" (ш. Душанбе, 21-22 декабри соли 2016). – Душанбе, Матбааи ДМТ, 2016. – С.211-214.

**[11-М].** Садиқова, Ш.К. Таҳсилот - ҳамчун шакли сармоягузорӣ ба сармояи инсонӣ [Матн] / Ш.К. Садиқова // Маводи конференсияи

ҷумҳуриявии илмӣ-назариявии ҳайати устодон ва кормандони ДМТ бахшида ба «20-солагии Рӯзи ваҳдати миллӣ» ва «Соли ҷавонон». – Душанбе, 2017. – С.223-224.

**[12-М].** Садиқова, Ш.К. Маълумотнокӣ ва таъсири он ба рушди иқтисодӣ [Матн] / Ш.К. Садиқова // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзуи "Самтҳои афзалиятноки рушди шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" (ш. Душанбе, 28 феврали соли 2017). – Душанбе: «Ирфон», 2017. – С.266-269.

**[13-М].** Садиқова, Ш.К. Омилҳои рушди сармояи инсонӣ дар шароити иқтисодиёти фаросаноатӣ [Матн] / Ш.К. Садиқова // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявии ҳайати устодону кормандони ДМТ бахшида ба Даҳсолаи байналмилалии амал "Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028", "Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ", "140-солагии Қаҳрамони Тоҷикистон Садриддин Айнӣ" ва "70-солагии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон". – Душанбе, Матбааи ДМТ, 2018. – С.193-194.

**[14-М].** Садиқова, Ш.К. Сармояи инсонӣ ҳамчун омили рушди фаъолияти соҳибкории навоварӣ [Матн] / Ш.К. Садиқова // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзуи "Масоили мубрами рушди соҳибкории муосир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" (ш.Душанбе, 20 октябри соли 2017). – Душанбе: «Ирфон». – 2018. – С.83-86.

**[15-М].** Садиқова, Ш.К. Инкишофи сармояи инсонӣ бо истифода аз иқтидори илмӣ-инноватсионӣ [Матн] / Ш.К. Садиқова // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзуи "Муаммоҳои рушди босуботи иқтисодию иҷтимоӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ: ҷанбаҳои миллӣ ва минтақавӣ" (ш. Душанбе, 27-28 ноябри соли 2018). – Душанбе, Матбааи ДМТ, 2018. – С.409-413.

**[16-М].** Садиқова, Ш.К. Ташаккул ва рушди сармояи инсонӣ [Матн] / Ш. К. Садиқова // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявии ҳайати устодону кормандони ДМТ бахшида ба «Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ (солҳои 2019-2021) ва 400-солагии Миробид Сайидои Насафӣ». – Душанбе, Матбааи ДМТ, 2019. – С.151-152.

**[17-М].** Садиқова, Ш.К. Ҷойгоҳи сармояи инсонӣ дар иқтисоди инноватсионӣ [Матн] / Ш.К. Садиқова // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзуи "Муаммоҳои ташаккулёбӣ ва рушди иқтисоди рақамӣ дар шароити муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон" (ш. Душанбе, 18 ноябри соли 2022). – Душанбе, Матбааи ДМТ, 2022. – С.163-167.

**[18-М].** Садиқова, Ш.К. Ташаккули муҳити институтсионалии рушди сармояи инсонӣ [Матн] / Ш.К. Садиқова // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзуи "Дурнамои рушди менеҷмент ва маркетинг дар шароити иқтисодиёти рақамӣ" (ш. Душанбе, 22 ноябри соли 2022). – Душанбе, Матбааи ДМТ, 2022. – С.344-348.

**[19-М].** Садиқова, Ш.К. Масъалаҳои омӯзиши сармояи инсонӣ дар иқтисодиёти инноватсионӣ [Матн] / Ш. К. Садиқова // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзуи "Ташаккули низоми идоракунии давлатӣ ва маҳаллӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт" (ш. Душанбе, 25 феврали соли 2022). – Душанбе, Матбааи ДМТ, 2022. – С.230-235.

**[20-М].** Садиқова, Ш.К. Нақши сармояи инсонӣ дар амалигардонии саноатикунонии босуръат [Матн] / Ш.К. Садиқова // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзуи "Саноатикунонии босуръат ва масоили амалигардонии он дар Тоҷикистон" (ш. Душанбе, 17 феврали соли 2023). – Душанбе, Матбааи ДМТ, 2023. – С.352-355.

**[21-М].** Садиқова, Ш. К. Ташаккул ва инкишофи кластерҳои илмию таълимӣ [Матн] / Ш.К. Садиқова // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзуи "Бехатарии иқтисоди миллӣ: имкониятҳои рушд ва масоили иқтисоди рақамӣ" (ш. Душанбе, 31 октябри соли 2023). – Душанбе, Матбааи ДМТ, 2023. – С.291-296.

**5. Мавҷудияти санадҳои тасдиқкунандаи татбиқи натиҷаҳои илмӣ дар истеҳсолот ё имконияти татбиқ намудани онҳо**

Хулосаҳо ва натиҷаҳои бадастомада дар семинарҳо, конференсияҳои илмию амалии сатҳҳои гуногун мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтаанд. Натиҷаҳои таҳқиқ ҳангоми омӯзиши роҳҳои ташаккули муҳити институтсионалӣ-инноватсионии рушди сармояи инсонӣ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди истифода қарор дода шудаанд.

Вобаста ба татбиқи амалии натиҷаҳои таҳқиқот санади тасдиқкунанда аз ҷониби раёсати Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 8 феврали соли 2024 таҳти №91/дс дода шудааст. Тавсияҳои методӣ ва амалии дар диссертатсия асоснокшуда дар раванди таълим дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ҳангоми омӯзиши фанҳои таълимии «Иқтисодиёти инноватсионӣ», «Иқтисоди меҳнат», «Идоракунии захираҳои инсонӣ», «Иқтисодиёти институтсионалӣ», «Рушди нерӯи инсонӣ» ва «Менеҷменти кадрӣ» ҳамчун воситаи методӣ истифода бурда шудаанд.

Илова бар ин ҷиҳати тасдиқи натиҷаҳои таҳқиқ ҳангоми истифодаи онҳо дар таҳияи барномаҳои миёнамуҳлат ва дарозмуҳлати давлатию минтақавӣ санади тасдиқкунанда аз ҷониби Муассисаи давлатии "Пажӯҳишгоҳи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ" аз 13 феврали соли 2024, №14 пешниҳод шудааст.

**6. Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқоти диссертатсионӣ**

Марҳилаҳои иҷрои нақшаи кори диссертатсионӣ, аз ҷумла интихоби мавзуъ, асоснокунӣ, мақсад, вазифаҳо ва баррасии аҳаммиятнокии он бо

иштироки бевоситаи диссертант таҳия карда шудааст. Унвонҷӯй маводи заруририро барои таҳқиқотбарӣ ҷамъоварӣ намуда, онҳоро аз нигоҳи илмӣ таҳлилу баррасӣ намуда, дар асоси омӯзиши асосҳои назариявӣ ва амалӣ оид ба ташаккули муҳити институтсионалӣ-инноватсионии рушди сармояи инсонӣ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон бо роҳи таҳия ва пешниҳоди механизмҳо, усулҳо ва моделҳои эконометрикӣ хулоса ва тавсияҳоро пешниҳод намудааст.

**Қарори ҷаласа**

Баъди шунидан ва муҳокима намудани диссертатсияи Садиқова Шукрона Карчаевна дар мавзуи «Ташаккули муҳити институтсионалӣ-инноватсионии рушди сармояи инсонӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.02 – Идоракунии инноватсияҳо ва рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ; тақризи роҳбари илмӣ – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Комилов С.Ҷ.; баромади муқарризони расмӣ – д.и.и., профессор Ғаниев Т.Б., д.и.и., профессор Исайнов Ҳ.Р., д.и.и., профессор Низамова Т.Д., баромади муқарризони ғайрирасмӣ – н.и.и., дотсент Искандаров Ҳ.Ҳ., н.и.и., и.в. дотсент Сафаров Н.У., мутахассисони даъватшуда аз Муассисае, ки дар назди он Шурои диссертатсионӣ фаъолият менамояд – д.и.и., рофессор Амонова Д.С., д.и.и., профессор Султанов З. ва н.и.и., дотсент Раҳмонов Ҷ.Р. оид ба мутобиқати ихтисос ва номи мавзуъ ба шиносномаи ихтисос, навгонии илмӣ, аҳаммият ва хулосаҳои диссертатсия, инчунин натиҷаҳои корҳои нашршудаи Садиқова Шукрона Карчаевна, ҷаласаи муштараки кафедраҳои иқтисоди миллӣ ва бехатарии иқтисодӣ ва идоракунии захираҳои инсонии факултети иқтисод ва идораи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар асоси натиҷаҳои овоздиҳии кушода ва хулосаи пешниҳод гардида,

**ҚАРОР КАРД:**

1. Рисолаи илмии Садиқова Шукрона Карчаевна дар мавзуи «Ташаккули муҳити институтсионалӣ-инноватсионии рушди сармояи инсонӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.02 – Идоракунии инноватсияҳо ва рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ, ба талаботи Феҳристи ихтисосҳое, ки аз рӯйи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дараҷаи илмӣ дода мешавад (қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 сентябри соли 2021, №7), мувофиқат мекунад.
2. Диссертатсияи Садиқова Шукрона Карчаевна дар мавзуи «Ташаккули муҳити институтсионалӣ-инноватсионии рушди сармояи инсонӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.02 – Идоракунии инноватсияҳо ва рақамикунонии

равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ, ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА – 062 назди Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон барои ҳимоя пешниҳод карда шавад.

Дар ҷаласа иштирок доштанд: – 19 нафар. Ҳуқуқи овоздиҳӣ доштанд – 15 нафар. Натиҷаи овоздиҳии кушода чунин аст:

тарафдор – 15 нафар;
зид – нест;
бетараф – нест.

Хулоса дар ҷаласаи муштараки кафедраҳои иқтисоди миллӣ ва бехатарии иқтисодӣ ва идоракунии захираҳои инсонии факултети иқтисод ва идораи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 24-уми феврали соли 2024, суратмаҷлиси № 7 қабул карда шуд.

**Раиси ҷаласа:**
**н.и.и., дотсент, мудири кафедраи иқтисоди миллӣ ва бехатарии иқтисодии факултети иқтисод ва идораи ДМТ** **Тағоев Б.Д.**

**Котиби ҷаласа:**
**н.и.и., муаллими калони кафедраи идоракунии захираҳои инсонии факултети иқтисод ва идораи ДМТ** **Давлатов С.Н.**

Дурустии имзоҳои Б.Д. Тағоев ва С.Н. Давлатовро тасдиқ менамоям.
Сардори раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси ДМТ Тавқиев Э.Ш.
«____» ____________2024

**Суроғаи донишгоҳ:**
Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734025, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.
Саҳифаи интернетӣ: www.tnu.tj. Телефон: (992-37) 221-77-11. Факс: (992-37) 221-48-84.
E-mail: tgnu@mail.tj. tnu.int.re@gmail.com.